*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-050*
*назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*
*ба суроғаи 734061, ш. Душанбе кӯчаи*
*Н.Қаробоев 63/3,*
*Email: 6D.KOA.050gmail.com*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати кори диссертатсионии Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна дар мавзуи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ

Ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат, инчунин вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонем.Аз ин лиҳоз коркарди маҳсулоти қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур хеле муҳимнок аст.

Аз тарафи Рахмонова Ҷ.А. муайян гардид, ки дар таркиби хокаи топинамбур миқдори сафеда то 12%-ро ташкил медиҳад. Ҳангоми ин хокаро ба таркиби маҳсулотҳои ордӣ истифода бурдан он ба нишгоҳдории шакли маҳсулоти тайёр таъсири мусбӣ мерасонад. Бо тадкиқотҳои экспериментали унвонҷӯ Раҳмонова Ҷ.А. муайян намуд, ки топинамбури ба намуди хока тайёр кардашуда, бояд ба таркиби омехтаи дастурамали кулчақанди коркардшуда бояд 10% аз массаи орди гандумро ташкил диҳад.

Бояд қайд намуд, ки нақшаи иҷрои кори илмӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои он бо иштироки бевоситаи унвонҷӯй анҷом дода шуда, муаллиф тавонистааст тавассути он дар такмилдиҳии методикаи арзёбии самаранокии баҳодиҳии ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти коркардшуда саҳми худро гузошта, тавсияҳои амалиро барои фаъолияти бомароми истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ таҳия намудааст.

Новобаста аз сатҳи баланди иҷроиши тадқиқот чунин норасоиҳо дар автореферат дида мешавад:

1. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ дида мешавад.

2. Дар автореферат доир ба оне, ки решаметаи навъҳои топинамбури Интерес ва Сарват аз кадом муассисаи илмӣ ё ки ки аз кадом макон дар оғози кори илмӣ дарстрас шудаанд маълумот пешниҳод нашудааст?

Бояд қайд намуд, ки эродҳои дар боло зикр шуда, моҳияти илмию амалидоштаи кори илмиро кам намекунанд.

Кори диссертатсионии Раҳмонова Ҷ.А. дар мавзуи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур» ба талаботи "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади имлҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 – "Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ" мебошад.

**Номзади илмҳои кишоварзӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**маркетинг-агробизнес** Хӯҷаназарова М.И.
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон**
**тел:+992927646674**
**email:Hujanazarova@mail.ru**

Имзои Хӯҷаназарова М.И.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон 4/01.23 ________ Мирпоччоев И.Ҳ.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ. Тел: + 992 (3422) 2 - 38 - 11
www.tsulbp.tj